**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**Хушвахтзода Қ.Х.**
**_______________________**
**«31» ____________с. 2022**

## ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

Исозода Парвиз Асадулло соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуда, аз соли 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Исозода Парвиз Асадулло дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯ ва ҳамзамон ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли аз 13.11.2021, №144 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Раҳмон Дилшод Сафарбек, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Мушовири илмӣ** – Диноршоҳ Азиз Мусо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм, инновация ва

ҳамкориҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар ш. Душанбе.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаҳои зерин қабул гардид:**

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст. Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва қабул намудани Конститутсияи соли 1994, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёдро, ки ҳуқуқ инсон ва озодиҳои асосӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, пеша кардааст.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи инсон чун олитарин арзиш дар ҷомеаи инсонӣ талаб менамояд, ки ҷамъияту давлат барои амалишавии он тадбирҳо андешанд ва ҳар фард имконияти амали сохтани ҳуқуқу озодиҳои худро дошта бошад. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт пайваста тадбирҳои муассиреро роҳандозӣ намуда истодааст.

Муҳаққиқ аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтибоси ба маврид овардааст: «Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ буда, дар он таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст. Бо мақсади амалишавии ин арзиши конститутсионӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ тамоми заминаҳои ҳуқуқии кишвар такмил дода шуда, дар ин самт санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардидаанд. Парламент як қатор қонунҳое қабул намуд, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, пешрафти иқтисодиёт ва соҳибкорӣ равона шудаанд».

Дар марҳилаи кунунӣ эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо суръати баланд рушд дорад, ки ҳуқуқи инсон дар ин раванд ҳамчун унсури асосии алоқамандии байни онҳо баромад менамояд. Ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ниҳоди асосие мебошанд, ки ба воситаи онҳо вазъи

ҳуқуқии шахс танзим гардида, тарз ва ҳудуди таъсиррасонии ҳуқуқӣ муайян карда шуда, кафолатҳои ҳуқуқии ҳимоя ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон муқаррар карда мешаванд.

Муқаррароти мазкур аз моҳияти моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки дар он ҳуқуқи инсон ба сифати арзиши олӣ эълон шуда, дар як вақт эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сифати уҳдадории давлат муайян карда шудааст, ки ин ба таври пурра моҳияти меъёрҳои санадҳои муҳимми байналмилалӣ – Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар худ таҷассум менамояд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ мафҳумҳои гуногун, ибора, истилоҳ ва тарзҳои мухталифи тафсири маҳдуднамоӣ, ба монанди «маҳдуднамоии ҳуқуқ», «маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодӣ», «маҳдуднамоӣ», «боз доштани кафолат», «муқаррар намудани ҳудуд», «маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон», «маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ» ҷой доранд, ки метавонанд боиси ба вуҷуд омадани гуногунандешии ҳуқуқӣ ва духӯрагии маънидоднамоии он дар низоми қонунгузорӣ гардад.

Яке аз роҳҳои самаранокии таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ин ба таври қонунӣ маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодӣ мебошад. Мақсад аз ин маҳдуднамоӣ таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ мебошад. Аммо, чи тавре амалияи қонунгузории дохилӣ нишон медиҳад, баъзе мушкилиро зимни танзими масъалаи маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вуҷуд меоранд. Махсусан чунин мушкилиҳо ҳангоми истифодаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки танзимкунандаи

маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, пайдо мешаванд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло муҳаққиқ таҳия намудани пешниҳодотро оид ба такмили қонунгузории миллӣ дар самти маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд талаб менамояд. Аз ин рӯ, таҳия намудани сохтори мукаммали маҳдудиятҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба низом даровардани онҳо вобаста ба асосҳои гуногун, дарки амиқи маҳдуднамоӣ ҳамчун як низоми меъёри ҳуқуқӣ, такмили механизми ҳуқуқии конститутсионии маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бешубҳа дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошанд, ки бо пешниҳодҳои судманд ҷиҳати такмил додани қонунгузории амалкунандаи кишвар асоснок карда шудаанд.

Баъзе аз паҳлуҳои масъалаи мазкур дар осори олимони ватанӣ ба таври бевосита ва ё моҳиятан мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки муаллиф дар раванди навиштани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба онҳо такя намудааст. Аз ҷумла олимоне чун У.А. Азиззода, З.М. Ализода, Э.Б. Буризода, А.М. Диноршоҳ, А.И. Имомов, Ш.Ф. Искандаров, Ҷ.М. Зоир, И.Қ. Миралиев, Д.С. Раҳмон, И.И. Саидзода, Б.А. Сафарзода, С.М. Салоҳидинова, Р.Ш. Шарофзода, Ф.Т. Тоҳиров, А.М. Мансурзода, А.Ғ. Холиқзода, А.Х. Юсуфзода ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Муаллиф мубрамияти мавзуъро дар он мебинад, ки паҳлуи мухталифи он ба таври амиқ ва ё моҳиятан аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта нашудааст ва то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳида ва ҳамаҷониба аз нигоҳи назарӣ ва ҳуқуқӣ-канститутсионӣ дар самти маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд анҷом дода нашудааст.

Унвонҷӯ арзиши амалии тадқиқотро дар он мебинад, ки нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои онро метавон дар таҳияву таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқии танзими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон

истифода шаванд, инчунин бахри баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандону шахсони алоҳида ҷиҳати татбиқ ва таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо дар Тоҷикистон мусоидат намоянд.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои асосии рисола метавонанд дар таҳқиқоти конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон истифода шаванд. Пажӯҳишгар Исозода П.А. дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро мавриди баррасӣ қарор додааст, аз ҷумла, хулосаҳои муаллиф бо далелҳои муътамади илмӣ ва андешаҳои муҳаққиқон асос ёфтаанд.

Муҳаққиқ дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

- муайян намудани мафҳум, моҳият ва мазмуни маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- тавсиф додани принсипҳои маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- таҳлил намудани механизми ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- тавсиф намудани асос, мақсад ва ҳудуди маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чун унсури механизми ҳуқуқии конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таснифоти намудҳои маҳдуднамоии ҳуқуқӣ;

- таҳлил намудани воситаҳои асосии маҳдуднамоии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳқиқ кардани мафҳуми маҳдуднамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар вазъияти фавқулода, ҳамзамон муайян намудани шаклҳои ин маҳдуднамоӣ.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисосҳои 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02. – ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 12 мақолаҳои илмӣ ба табъ расондааст, ки 6 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Исозода, П. Мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд / П. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – № 2/7. – С. 263-266.

2. Исозода, П.А., Диноршоев, А.М. Таснифи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / П.А. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – № 2/10. – С. 209-213.

3. Исозода П.А., Диноршоев, А.М. Характеристика прав и свобод граждан по законодательству Республики Таджикистан / П.А. Исозода, А.М. Диноршоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/10. – С. 209-214.

4. Исозода, П. Мақсади маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс аз нигоҳи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / П. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 5. – Қ. 2. – С. 227-231.

5. Исозода, П.А., Рахмон, Д.С. К вопросу о понятии ограничения прав человека / П.А. Исозода, Д.С. Рахмон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон

(маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2020. – № 2 (18). – С. 48-61.

6. Исозода П.А., Искандаров Ш.Ф. Асосҳои маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / П.А. Исозода, Ш.Ф. Искандаров // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2022. – №2 (46) апрел-июн. – С. 35-41.

**II. Мақолаҳое, ки дар дигар маҷаллаҳо чоп шудаанд:**

7. Исозода, П.А. К вопросу о ронятии и признаках ограничений прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан / П.А. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2017. – № 2 (06). – С. 62-63.

8. Исозода, П.А. Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо мақсади таъмини ахлоқи ҷомеа / П.А. Исозода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ», Ҷилди II. – Душанбе, 2018. – С. 212-216.

9. Исозода, П.А. Амнияти давлат ҳамчун асоси маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд / П.А. Исозода // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 98-102.

10. Исозода, П.А. Аҳамияти маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд / П.А. Исозода // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» (10 декабри соли 2019). – С. 156-162.

11. Исозода П.А., Диноршоев, А.М. Теоретические аспекты понятия ограничений прав человека / П.А. Исозода, А.М. Диноршоев // В сборнике: Конституционные ценности и ценность Конституции. Материалы круглого столас международным участием, проводимого в рамках XV Фестиваля науки города Москвы. 2020. – С. 177-185.

12. Раҳмон, Д.С., Исозода, П.А. Мафҳум, асосҳо ва ҳудуди маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар вазъияти фавқулода / Д.С. Раҳмон, П.А. Исозода // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 19-26.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба экспертизаи даври дуюми муассиса барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» – 17 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №1 аз 29-уми августи соли 2022.

**Раиси ҷаласа:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Гадоев Б.С.

Мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ.

**Котиби ҷаласа**: лаборанти кафедра Бобозода У.Э.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«31» 08 2022